# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряххои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология пешниҳод гардидааст.

Дар шароити муосир масъалаҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим, коҳишёбии масоҳати пиряххо, ташаккули кӯлҳои пиряхӣ ва афзоиши хатари офатҳои табиӣ яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти илмии соҳаи геоэкология ва глятсиология ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари кӯҳсор дорои захираҳои бузурги пиряхӣ буда, тағйирёбии ҳолати онҳо метавонад ба низоми гидрологӣ, амнияти экологӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакат таъсири ҷиддӣ расонад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти анҷомдодаи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло, ки ба омӯзиши динамикаи пиряххои набзӣ ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок бахшида шудааст, хеле мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Автореферат аз муқаддима, чор боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, мазмун ва муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок гардида, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии кор ба таври мушаххас муайян карда шудаанд.

Дар боби якум тавсифи физикӣ-географии ҳавзаи дарёи Ванҷоб, хусусиятҳои релеф, иқлим, шабакаи гидрографӣ ва хусусиятҳои пиряхшавии минтақа баррасӣ гардидааст. Муаллиф равандҳои асосии ташаккули релеф ва нақши онҳо дар инкишофи пиряххоро таҳлил намуда, хусусиятҳои геоморфологии минтақаи таҳқиқотиро илман асоснок намуда, шарҳ додааст.

Боби дуюм ба омӯзиши пиряххои набзии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин боб хусусиятҳои динамикии пиряххои набзӣ, механизмҳои ҳаракати онҳо, сабабҳои эҳтимолии ҳаракат ва нақши онҳо дар ташаккули равандҳои табиии хатарнок мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф бо истифода аз маълумоти таърихӣ, мушоҳидаҳои саҳроӣ ва маълумоти моҳворавӣ нишон медиҳад, ки ҳаракатҳои ногаҳонии пиряххо бештар ба механизмҳои дохилии динамикаи ях

алоқаманд буда, на ҳамеша бо тағйирёбии иқлим робитаи мустақим доранд.

Дар автореферат ба пиряхҳои набзии Хирсон ва Меҷдор диққати махсус дода шудааст. Таърихи ҳаракатҳои такрории пиряхи Хирсон, ки дар солҳои гуногун боиси пайдоиши кӯлҳои пиряхӣ ва обхезиҳои харобиовар гардидааст, бо далелҳои илмӣ таҳлил шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки рахнашавии кӯлҳои пиряхӣ метавонад ба инфрасохтор, роҳҳо, пулҳо ва аҳолии поёноб хатари ҷиддӣ эҷод намояд.

Боби сеюм ба реҷаи пиряхҳои набзӣ ва усулҳои мониторинги онҳо бахшида шудааст. Дар ин бахш методологияи мушоҳидабарӣ, усулҳои истифодаи маълумоти дистансионӣ, таҳлили тасвирҳои моҳворавӣ ва арзёбии хавфи рахнашавии кӯлҳои пиряхӣ пешниҳод гардидааст. Муаллиф усулҳои таҳлили ниммиқдориро барои арзёбии дараҷаи хатарнокии кӯлҳои пиряхӣ истифода намуда, як қатор бузургиҳои муҳими геоморфологӣ ва гидрологиро муайян кардааст.

Яке аз дастовардҳои муҳимми таҳқиқот таҳияи тавсияҳои инженерию техникӣ оид ба пешгирии ташаккули кӯлҳои пиряхии хатарнок ва коҳиш додани хавфи рахнашавии онҳо мебошад. Ин пешниҳодҳо барои сохторҳои марбут ба ҳолатҳои фавқулода, идораҳои обуҳавошиносӣ ва муассисаҳои илмӣ аҳаммияти амалӣ доранд.

Дар боби чорум тавсияҳои методӣ аз рӯйи мушоҳидаҳо барои пиряхҳои набзонӣ ва кӯлҳои басташуда бо методикаи ташкили назорат ва гузаронидани мушоҳидаҳо дар пиряхҳои набздор ва кӯлҳои пиряхҳо оварда шудаанд, аз ҷумла муайян кардани оғози мавсими обшавӣ, пешгӯйии обхезӣ ва ҳисобкунии максималии ҷараёни об.

Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Онҳо метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои мониторинг, пешгӯйии офатҳои табиӣ, банақшагирии чораҳои муҳофизатӣ ва омӯзиши минбаъдаи равандҳои криосферӣ истифода шаванд.

Автореферат бо услуби хуби илмӣ навишта шуда, сохтори мантиқӣ ва пайдарҳамии илмии мавод риоя гардидааст. Муаллиф тавонистааст маълумоти зиёди саҳроӣ ва назариявиро ҷамъбаст намуда, хулосаҳои илман асоснокшударо пешниҳод намояд. Интишори натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва муҳокимаи онҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ аз аҳаммият ва эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ шаҳодат медиҳад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардида, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф барои саҳми арзанда дар рушди соҳаи геоэкология ва глятсиология сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Мудири шуъбаи экспедитсионӣ
ва тадқиқоти равандҳои криосферии МДИ
"Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ",
номзади илмҳои техникӣ Абдуллов Ҷ.Д.

**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино кучаи
Арбобхотун 366
Тел: (+992) 985659393
E-mail: abdullovjahongir0@gmail.com

Имзои Абдулов Ҷ.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои МДИ
"Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ" Ҳасанова Б.

**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33
Тел: (+992) 888804610

«16» 06 2026 с.